**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи манзургардида дар доираи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 ва барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Аз маҳдудиятҳои замони шуравӣ ба муносибатҳои бозорӣ гузаштани иқтисодиёти ватани

азизамон Тоҷикистон ва дар натиҷаи он ба содироти ашёи хом ва воридоти технологияи нав вобаста будани иқтисодиёт боиси дар давоми даҳ соли охир инкишоф ёфтани фаъолияти иқтисодии берунии хусусӣ гардид, ки ҳолати мазкур аз шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо дарак медиҳад. Дар навбати худ, воқеаи зикргардида аз ҷиҳати таркиби сифатӣ ва миқдорӣ боиси ба таври маъмул истифода ва татбиқ гардидани ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ оварда расонид, ки дар заминаи назаррас таҷрибаи судӣ ташаккул ёфт ва шумораи баҳсҳои иқтисодии хориҷӣ рӯ ба афзоиш оварда, муносибатҳои нави субъектҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи шуравӣ номаълум пайдо шуданд.

Бинобар ин, дар назди ҳуқуқтатбиқкунанда ва қонунгузорон вазифаи ғайринамунавии ташаккули фазои боварӣ байни субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ меистод. Ба андешаи мо, маълум аст, ки бovарии шарики хориҷӣ танҳо дар шароити субот, тартибот ва ҳукмфармоии қонун имконпазир аст. Зеро, муносибатҳои иқтисодӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд, ки баррасӣ намудани онҳо одатан ба гузарондани муҳокимаи ошкоро ва қабули қарорҳои аксаран «нофаҳмо» ё «оммавӣ» вобаста набуда, балки роҳҳои мушаххас, равшан ва босалоҳияти ҳалли ихтилофотро талаб мекунад.

Муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодии берунии муосир бо мазмуни мушаххаси муносибатҳои байни субъектҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ торафт мураккабтар мешаванд. Ҳолати мазкур дар он зоҳир мегардид, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳое, ки аз чунин муносибатҳо бармеоянд, татбиқи қонунгузориро пешбинӣ менамояд, ки тафсири он дониши махсусро тақозо мекунад ва ба назар чунин менамояд, ки он асосан дар ихтиёри судҳои давлатӣ нестанд ва бинобар набудани тахассуси махсуси баъзе аз онҳо имконияти баҳсҳои гаронро дар соҳаҳои гуногуни тиҷорати сифатан нав ҳал намоянд. Ғайр аз он, баррасии чунин баҳсҳо дар судҳои давлатӣ, ки аз марҳилаҳои зиёд иборат мебошанд,

харочоти калон, вақти зиёд ва расмиёти ташкилиро талаб мекунад. Омилҳои мазкур ба он оварда мерасонад, ки субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҷбур мешаванд, ки ба таври хусусӣ ба шахсони салоҳиятдор дар ҳалли ихтилофҳо ва баҳсҳои ҳуқуқии ихтисоси муайян, яъне, арбитрҳои арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ муроҷиат намоянд.

Тамоюли умумиҷаҳонии рӯ овардан ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар доираи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ боиси он гардидааст, ки дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ як падидаи муттаҳидшуда бо низоми тараққинамудани ҳуқуқӣ ташаккул ёбад, ки он «созишномаи арбитражӣ» мебошад, ки бо эҳтимолияти бовиҷдонона ва нияти неки тарафҳо, ҳалли самарабахши баҳс (ақидаи умумии шахсони аз рӯи қонун ва виҷдони пок) натиҷаи муҳимтарини татбиқи он мебошад.

Бартариҳое, ки чунин созишномаи арбитражӣ дар муҳокимаи арбитражӣ фароҳам меорад ба имконияти зуд, босалоҳият, нисбатан аз нуқтаи назари иқтисодӣ саривақт ҳал намудани баҳсҳои иқтисодии хориҷӣ, нигоҳ доштани баробарии манфиатҳо ва муносибатҳои тиҷоратӣ барои рушди фазои иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дар ҳоли ҳозир бебаҳо мебошад. Аммо дар бораи омидҳои самаранокии бастани созишномаи арбитражӣ набояд аз муносибати оқилонаи субъектони ҳуқуқ ҳангоми ташаккули ин ё он ангеза бартарӣ дошта бошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар маҷмуъ ба таври назаррас инкишоф меёбад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» талаботи татбиқи падидаи «созишномаи арбитражӣ»-ро қонеъ мекунад. Аммо чунин ба назар мерасад, ки меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалии эътирофгардида, Кодекси мадании Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ин падидаро пешбинӣ менамоянд, аз мукаммалӣ дуранд ва як қатор норасоиҳои назаррас доранд. Барои рафъи норасоиҳои ҷойдошта, истифодаи таҷрибаи қонунгузории арбитражии таҳияшудаи кишварҳои хориҷӣ, инчунин ҳуқуқи классикии Рими қадим хеле муфид мебошад.

Мубрамияти омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти татбиқи падидаи «созишномаи арбитражӣ» интихобро ҳамчун мавзуи омӯзиши тамоми ҳаҷми мушкилоте, ки ҳангоми татбиқи ин падида ҳам дар фаъолияти ҳуқуқӣ ва ҳам дар раванди фаъолияти иқтисодии берунии шартномавӣ ба миён меоянд, муайян намудааст.

Бо назардошти ҳолатҳои ишорагардида ва доштани аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар заминаи таҳқиқоти илмӣ дарки мавзуи созишномаи арбитражӣ бисёр сариваќтӣ ва ба талаботи замон ҷавогӯ мебошад.

Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот зикр карда шуда, дараҷа ва сатҳи таҳқиқӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо муассисавӣ, мақсад ва вазифаҳо доир ба мавзуи таҳқиқшуда, марҳила, макон ва давраҳое, ки таҳқиқотро дар бар мегирад, усулҳои гузаронидани таҳқиқот, навгонии илмии дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва ғайраҳо баён карда шудааст.

Боби якуми рисола «Табиати ҳуқуқӣ ва унсурҳои созишномаи арбитражӣ» ном дошта, он ба ду зербоб тақсим карда шудааст. Дар зербоби якум – «Табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражӣ»

муаллиф табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражиро мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода, қайд намудааст, ки барои муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражӣ бояд якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва андешаҳои олимон дар ин замина таҳлил ва мавриди баҳс қарор дода шаванд. Барои муайян намудани мафҳуми созишномаи арбитражӣ муаллиф аз конвенсияҳои байналмилалӣ ва қонунгузории кишварҳои гуногун оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоартӣ, Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва Қонуни ҶТ дар бораи АБТ, ки дар онҳо мафҳум ва хусусиятҳои созишномаи арбитражӣ ҷой дорад, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуданд. Дар рафти омӯзиш ба диссертант муяссар гардидааст, то муайян намояд, ки сарфи назар аз он, ки қонунҳои бисёр кишварҳо дар асоси қонуни намунавӣ қабул карда шудаанд, мафҳуми арбитражи байналмилалӣ ва созишномаи арбитражӣ дар онҳо ба таври гуногун ифода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум – «Проблемаҳои танзими ҳуқуқии унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ» диссертатсия ба назар мерасад, ки созишномаи арбитражӣ дорои шартҳо ва унсурҳои ба худ хос мебошад, ки нисбат ба дигар созишномаҳо ва шартномаҳои хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ фарқ менамояд. Мавсуф дар таҳқиқоти гузаронидашуда дарҷ намудааст, ки барои ифодаи иродаи тарафҳо ва таъмини иҷрои созишномаи арбитражӣ дорои унсурҳои асосӣ ва иловагӣ мебошад, ба монандӣ: интихоби институти арбитражӣ; ҷойи арбитраж; шумораи арбитрҳо; забони арбитраж; ҳуқуқи моддии татбиқшаванда; ҳалномаи арбитражӣ. Унсурҳои иловагии созишномаи арбитражӣ инҳоянд: шаҳрвандии арбитрҳо; тахассуси арбитрҳо; махфиятнокии муҳокима; интихоби қоидаҳои расмӣ ва ғайра.

Боби дуюми рисола «Проблемаҳои ҳуқуқии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ» ном дошта, се зербобро дарбар мегирад.

Муаллиф дар зербоби якуми боби дуюм «Масъалаҳои умумии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, баён менамоянд, ки дар созишномаи арбитражӣ масъалаи номбурда хело муҳим мебошад. Диссертант дар қисмати мазкур муайян намудааст, ки яке аз шартҳои асосии муроҷиат ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, баррасии баҳс, қабули қарор, эътироф ва иҷрои он ба эътиборнокии созишномаи арбитражӣ алоқамандии зич дорад, чунки дар сурати беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ боиси бекор гардидани қарори қабулгардида ва аз даст рафтани имконияти муроҷиат ба арбитражро ба миён меорад. Ба андешаи ӯ, агар ба талаботи қонунгузорӣ оид ба созишномаи арбитражӣ назар афканем, пас он метавонад қисми ҷудонашавандаи шартнома бошад ё метавонад дар шакли созишномаи алоҳида баста шавад ва дар ҳолати дар қисми шартномаи ҷойгир намудан тавзеҳот оид ба муроҷиат ба арбитраж ва дар ҳолати беэътибор дониста шудани шартнома, тавзеҳоти арбитражӣ эътиборнокии худро нигоҳ медорад. Таҳқиқгар дар натиҷаи омӯзиши адабиётҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудааст, ки дар назарияи ҳуқуқ, санадҳои байналмилалӣ ва ватанӣ ду асос барои беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ беэътибории моддӣ ва расмии созишномаи арбитражӣ мавҷуд аст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола «Проблемаҳои ҳуқуқии эътиборнокии моддии созишномаи арбитражӣ» мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, дар он асосан сухан дар бораи тобеияти арбитраж, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ меравад. Дар ин зербоб масъалаи нияти шахс барои бастани шартномаи арбитражӣ (қобилияти ҳуқуқдорӣ) ва имконияти доштани бастани чунин созишнома (қобилияти амалкунӣ) таҳлил карда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия бошад, «Проблемаҳои ҳуқуқии эътиборнокии расмии созишномаи арбитражӣ»

таҳқиқ карда шуда, дар он сухан дар бораи риояи талаботи расмӣ оид ба бастани созишнома меравад. Ба ақидаи муаллиф мутобиқи қонунгузории ҶТ, Конвенсияи Ню-Йорк ва Қонуни намунавӣ шакли хаттии созишномаи арбитражӣ шарти асосӣ ва муҳими эътиборнокии созишномаи арбитражӣ мебошад. Новобаста аз мавҷуд будани муқаррарот дар Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ таҳрири соли 2006 шакли ғайрихаттии созишномаи арбитражӣ эътироф гардида бошад ҳам, аммо он аз ҷониби ягон кишвар дар сатҳи қонунгузорӣ қабул нагардидааст. Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»: «Созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Созишнома басташуда ҳисоб мешавад, агар шартҳои он дар ҳуҷҷати байни тарафҳо имзошуда, ё тариқи мубодила бо мактубҳо, хабардор намудан тавассути телетайп, телеграф ё бо истифодаи дигар воситаҳои алоқаи электронӣ, ки бақайдгирии чунин созишномаро таъмин менамояд ва ё тавассути мубодилаи аризаи даъвогӣ ва бозхонди даъво, ки дар он яке аз тарафҳо мавҷудияти созишномаро тасдиқ намуда, тарафи дигар онро рад накардааст, пешбинӣ шуда бошад. Истинод дар шартнома ба ҳуҷҷате, ки тавзеҳоти арбитражиро дорад, ба шарте созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад, ки шартнома дар шакли хаттӣ баста шуда бошад ва истиноди мазкур тавзеҳоти номбаршударо қисми таркибии он гардонад». Диссертант эътирофи созишномаи арбитражиро дар шакли шифоҳӣ зери шубҳа қарор дода, дарҷ намудааст, ки созишномаи шифоҳӣ оид ба муроҷиат ба арбитраж бешубҳа таваккали нигоҳ доштани он ё исботи баста шудани он мушкилии муайянеро ба вуҷуд оварда метавонад.

Боби сеюми рисола «Мақоми созишномаи арбитражӣ ва ҷойи он дар баррасии баҳсҳо ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ» номгузорӣ шуда, он ба ду зербоб ҷудо карда шудааст. Дар зербоби якум «Нақши судҳои иқтисодӣ зимни баррасии баҳсҳо дар арбитражи байналмилалии

тиҷоратӣ» баррасӣ карда шуда, муаллиф қайд мекунад, ки судҳои иқтисодӣ нисбат ба арбитраж вазифаҳои муайянеро иҷро мекунанд, яъне вазифаи ёрирасон ва назоратӣ. Мавсуф зикр намудааст, ки вазифаи ёрирасони судҳои иқтисодӣ инҳо мебошанд:

- аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ирсол намудани баҳс ба арбитраж дар сурати мавҷуд будани созишномаи арбитражӣ;
- аз ҷониби судҳои иқтисодӣ дар мавридҳои зарурӣ мусоидат намудан ба арбитраж дар таъин ё қатъ намудани ваколатҳои арбитрҳо
- аз ҷониби судҳои иқтисодӣ қабул намдуни қарор дар бораи чораҳои муваққатӣ дар ҳолати мурочиат ба он;
- аз ҷониби судҳои иқтисодӣ мусоидат намудан дар таъмини пурсиши шоҳидон ва коршиносон.

Диссертант вазифаи назоратии судҳои иқтисодиро чунин номбар намудааст: қабули қарор дар бораи мавҷудият, эътибор ва иҷрои созишномаи арбитражӣ; ҳалли масъалаи салоҳияти арбитраж дар асоси мурочиати тарафи баҳс; ҳалли пешакии баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайра.

Дар зербоби дуюм сухан дар хусуси «Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ва нақши созишномаи арбитражӣ дар он» меравад. Таҳқиқгар зикр намудааст, ки ҳалномаи арбитражӣ тибқи қонун қатъӣ буда, он дар асоси талаботи қонун иҷро карда мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон тибқи талаботи муқаррароти моддаҳои 52 ва 53 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва моддаи 210 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаҳои арбитражӣ ба ҳалномаҳои дохилӣ ва хориҷӣ тақсим мешаванд. Дар навбати худ муаллиф дарҷ намудааст, ки созишномаи арбитражӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражҳои ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ нақши муҳим мебозад.

Ба андешаи диссертант, тибқи муқаррароти созишномаи арбитражӣ иҷрои ҳалномаи арбитражӣ, аз ҷониби субъектҳои зерин таъмин мешавад:

1. Тарафҳои шартнома ё созишномаи арбитражӣ;

2. Арбитрҳое, ки баҳсро тибқи созишномаи арбитражӣ ва қонун баррасӣ менамоянд;

3. Судҳои иқтисодӣ ё судҳои салоҳиятдор;

4. Судҳои иқтисодӣ ё судҳои салоҳиятдор, ки вазифаҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражиро амалӣ мекунанд.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии созишномаи арбитражӣ муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошташуда, бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб рафта, дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии созишномаи арбитражӣ мавриди таҳлил, омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Ба диссертант муяссар гардидааст, ки тавассути тавсияҳо, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш ба мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошташуда ноил гардад. Барои ҳамаҷониба таҳлил намудани мавзуи интихобшуда сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ, қонунгузории ватанӣ, санадҳои байналмилалӣ ва ақидаю андешаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ истифода шудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро нишон медиҳад.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Боиси зикр мебошад, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти

диссертатсионӣ дар саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, зоҳир гардида, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф, фаҳмишҳою муҳимияти илмӣ ва амалӣ созишномаи арбитражиро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии супоридани баррасии баҳс дар асоси созишномаи арбитражӣ ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани он дар шароити ҷаҳонишавиро муайян месозанд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи арбитражи байналмилалии тиҷортӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони соҳаҳо ва сатҳҳои гуногун истифода шаванд. Инчунин мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда метавонанд дар муассисаҳои усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо, аз қабили судҳои ҳакамӣ ва судҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳо, монографияҳо ва дастурҳои илмӣ, дипломӣ, магистрӣ, корҳои курсӣ оид ба мавзуи дарҷшуда истифода шаванд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ дар ин самт, инчунин ҷараёни таълими фанҳои

ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ истифода шаванд.

**Автореферат дар умум мазмуни фишурдаи диссертатсияро инъикос менамояд.**

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия, музмуну моҳияти он диссертант 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 ададӣ онҳо дар маҷаллаҳои такризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Сарфи назар аз хулосаи нуҳуми таҳқиқоти диссертатсионӣ (саҳ. 13), ки ҳангоми ҳал намудани масъала доир ба риояи шакли созишномаи арбитражӣ ба судҳо зарур аст, ки ба муқаррар намудани шакли тасдиқи созишномаи арбитражӣ аҳаммият диҳанд, муаллиф дар боби дуюм масъалаи шакли созишномаи арбитражиро дар созишномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ ва як қатор давлатҳои хориҷӣ ҳамаҷониба омухта, бо дарназардошти баёноти саҳифаҳои 102 ва 138 рисола метавонист дар бораи шакли созишномаи арбитражӣ, аз ҷумла дар доираи қонунгузории миллӣ, хулосаи мушаххастар пешниҳод кунад. Доир ба масъалаи мазкур муаллифро зарур аст, ки мавқеи худро муайян намояд.

2. Дар хулосаи ҳафтуми диссертатсия муаллиф зикр менамояд, ки ҳуқуқи татбиқшаванда дар мазмуни созишномаи арбитражӣ қисми шартнома мебошад. Агар шартнома беэътибор дониста шавад ё баста нашуда бошад ё бекор карда шавад, тавзеҳоти арбитражӣ эътибори худро гум намекунад (саҳ. 13). Илова бар ин, аз мазмуни рисола пурра маълум нест, ки муаллиф дар кадом асос ба ин хулоса омадааст. Вобаста ба масъалаи мазкур асоснокии муаллифии диссертатсия баён карда шавад.

Аммо эродҳои дар боло зикршуда дар бораи таҳқиқоти диссертатсионӣ баҳсноканд ва умуман баҳои баланди онро паст намекунанд. Диссертатсияи пешниҳодгардида, як таҳқиқоти аслӣ, ҷиддӣ ва ҳамаҷониба буда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти ба миён гузоштаи муаллифро, ки барои илми ҳуқуқи маданӣ ва хусусии байналмилалӣ, ки барои такмили қонунгузорӣ дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва амалияи татбиқи он аз тарафи судҳои давлатӣ ва арбитражӣ аҳаммияти калон доранд, ҳал мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии
Академия идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И.

**Имзои Мирзоев П.И.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.
05.04.2024

Суроға: 734003, ш. Душанбе, Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@ipa.tj.